**Протоколи №11**

ҷаласаи Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз «24» июни соли 2022 ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** 15 нафар аъзоёни Шӯрои олимони факулт...

**РӮЗНОМА**

Муҳокимаи диссертатсияи номзадии Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ).

**Шунида шуд:** Оид ба ин масъала раиси Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дотсент Рабиев С.М. баромад намуда, қайд намуд, ки диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ) ба ташхиси давраи дуюм қабул шуда буд. Сипас сухан ба муқарризони холис дода шуд.

Муқарризи холис, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҳмонов З.П. баромад намуда бо тақризи хеш ҳозиринро шинос намуд (тақриз замима мешавад). Муқарриз қайд намуд, ки ба ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди шавқи маърифатии ҷавонон ва тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ медиҳад.

Дар марҳилаи ташаккулёбии озмоиш, корҳои мураккаби таълимӣ, тарбиявӣ ва санҷидани натиҷабахшии чунин омодагӣ дар раванди фаъолияти донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва мактаб дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар диссертатсия модели аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан, коркард ва санҷиши озмоишии методҳо, шаклҳо ва мундариҷаи омодагии донишҷӯён ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шудааст.

Таҳқиқгар исбот намудааст, ки шарти муҳимтарини фароҳам овардани асосу ангезаҳои хонандагон ба азхудкунии маҷмӯи зарурии донишҳо инкишоф додани шавқи маърифатии онҳо мебошад. Ҳадафи асосӣ аз иқдомоти зикршуда ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди шавқи маърифатии ҷавонон ва тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ ба шумор меравад.

Кучибоев Ш.И. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муқарризи холис, баромад намуда, бо тақризи хеш ҳозиринро шинос намуд (тақриз замима мешавад): Нуқтаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, арзёбии диалектологии раванди таълиму тарбия, равшану возеҳ будани фарзияи (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Муқарриз дар баромади худ оид ба рисолаи илмии Қаҳорова С.Х. зикр намуд, ки дар шароити имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

вазифаи асосии низоми таҳсилот тарбияи шахсияти соҳибсаводи зудҳаракате мебошад, ки барои мустақилона ба даст овардани донишҳои назариявӣ ва азхудкунии маҳорати амалӣ қобилият дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ – ҳуқуқие вуҷуд доранд, ки ҳадафу вазифаҳои инкишофи низоми таҳсилотро таъйин мекунанд.

Дар рисола масъалаҳои асосии муаммои ташаккули шавқи маърифатии хонандагон ва омода кардани кадрҳои педагогии сатҳи тахассусашон баланд дар таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Ба ҳалли муаммои мазкур ба андозаи назаррас самаранокии раванди таълим вобаста аст, зеро шавқу рағбат фишанги муҳими фаъолияти маърифатии мактаббача ва воситаи асосии беҳтаргардонии он мебошад.

Муқарриз Кучибоев Ш.И. хулоса намуд, ки дар асоси гузаронидани кори илмӣ – таҳқиқотӣ якчанд вазифаҳо ҳалли худро ёфтаанд, ба монанди

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани зарурати ташаккули шавқи маърифатии мактаббачагон зимни таълими математика;

– муайян намудани нақши омӯзгор дар тарбияи шавқи маърифатии хонандагон муайян карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси баромади муқарризон – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Раҳмонов З.П. ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумӣ Кучибоев Ш.И. ҷамъбаст гардид ва Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» чунин қарор қабул кард:

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

Диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ) рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ – назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267 муқаррар гардидааст, пурра ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 046 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» пешниҳод карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои олимони факултет Рабиев С.М.

Котиби ҷаласа Раҳмонова Д.З.

*Имзои Рабиев С.М. ва Раҳмонова Д.З.*
*– ро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»* *Наврузов Э.М.*